## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзуи “Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)**

Рисолаи муҳаққиқ Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзуи “Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)” ҳосили ҷустуҷӯй ва заҳматҳои чандинсолаи муаллиф буда, таҳқиқи ҳамаҷонибаи иқтидори гидроэнергетикӣ ва захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷаҳои дастовардҳои қаблӣ дар ин соҳа, ҳамчунин омӯзиши таҷрибаи таърихии истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ дар кишварҳои Осиёи Марказиро вазифаи муҳим ва зарурии илмӣ қарор додааст.

Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлоли ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, вазифаи таъмини истиқлолияти энергетикӣ аҳаммияти хос пайдо намуд. Ин масъала барои Тоҷикистон муҳим буд, зеро захираҳои нафту газ дар ҳудуди ҷумҳурӣ хеле кам ҷойгир шудааст ва ҳукумати кишвар маҷбур буд ба имкониятҳои гидроэнергетикии худ бештар такя кунад. Дар давраи пасошуравӣ ҳамкории энергетикӣ миёни давлатҳои минтақа шаклҳои нав пайдо кард, ки ба истифодаи муштараки захираҳои обӣ ва энергетикии фаромарзӣ, ҳамчунин сохтани лоиҳаҳои зерсохтии минтақавии таъминоти энергия равона шудаанд.

Аҳаммияти таҳқиқи ҳамкории энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар давраи солҳои 1991 - 2021 аз маҷмуи омилҳое иборат аст, ки аҳаммияти стратегии ин самтро барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа муайян мекунанд. Осиёи Марказӣ як ҷузъи муҳимми низоми энергетикии ҷаҳон буда, захираҳои назарраси ҳам анъанавӣ ва ҳам барқароршавандаи энергия, аз ҷумла, захираҳои обиро доро мебошад, ки нақши калидиро дар таъмини рушди устувор

ва амнияти энергетикии ҷаҳон мебозад. Дар ин замина, Тоҷикистон, ки дорои бузургиарин захираҳои гидроэнергетикии минтақа мебошад, ҳамчун бозингари муҳимми саҳнаи энергетикии минтақа баромад мекунад.

Дар рисолаи мазкур Пажӯҳиши ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар шароити таҳаввулоти иқтисодӣ ва ҳамгироии кишварҳои соҳибистиқлоли минтақа ҷой дода шудааст. Зеро энергетика як қисми муҳимми иқтисоди миллии кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаи энергетика яке аз фаъолиятҳои хоҷагидорӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ мебошад, ки захираҳои он, истеҳсол, интиқол, нигоҳдорӣ ва тақсимоти намудҳои гуногуни энергияро дар бар мегирад.

Агар зикри номҳои муаллифон, китобҳои зиёди таҳқиқӣ, аз таҳқиқи густардаи соҳиби рисола дарак диҳад, аз тарафи дигар, баёнгари огоҳии комили Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ аз ҳуҷҷатҳоест, ки дар онҳо бевосита масъалаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои минтақа зикр шудаанд дарак медиҳад. Ба ин маънӣ, метавон бо боварӣ таъкид намуд, ки Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ гузашта аз он ки ба омӯзишу баррасии мустақими ҳуҷҷатҳо машғул гардидааст, дар маҷмӯъ, бо аксари тадқиқот ва пажӯҳишоти дар ин замина эҷодгардида ошноӣ пайдо кардааст ва аз дараҷаву мақоми онҳо дар шинохти мавзуи баҳси диссертатсияи худ огоҳ мебошад.

Бояд гуфт, ки қисмати бештари маводҳои рисола бори аввал мавриди таҳлил қарор гирифта, ба онҳо баҳои илмӣ дода шудааст.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, вале ин норасоиҳо дар муқоиса бо дастоварду навовариҳои тадқиқотии муаллиф ночиз буда, қиммати илмӣ, назариявӣ ва амалии рисоларо кам намекунанд ва ислоҳпазиранд.

Рисолаи илмии Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзуи “Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи

Марказӣ (солҳои 1991-2021)” кори анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикиситон мувофиқ аст ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

Мудири кафедраи таърихи
халқи тоҷики ДДБ ба номи
Носири Хусрав, н.и.т: Мирзоев Ғ.Ш.

Имзоҳои Мирзоев Ғ.Ш-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ-и МДТ
«ДДБ ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.
04.09.2025

**Нишонӣ**: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел. 2-23-64, 2-22-53 www.btsu.tj, почтаи электронӣ: btsu78.@mail. ru